# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ).**

Истиқлоли миллии Тоҷикистон дар баробари таъсиргузорӣ ба таҳаввулоти тамоми самтҳои низоми давлатдорӣ ба рушди бемайлони адабиёти тоҷик низ накши муассир гузошт, ки идомаи суннатҳои нодири шеъри классикӣ, нуфузи ҷанбаҳои ҳунарӣ дар шеър, зуҳури шакл ва анвоъи шеърӣ бар асоси таъсири шеъри ҷаҳон ва монанди ин аз ҷумлаи равандҳои муҳимми адабӣ ва самараҳои матлуби расидан ба марҳалаи нави таърихӣ ба шумор меравconfigurand. Масарратбахш аст, ки баробар ба эҷоди тамоюлҳои тозаи адабӣ дар шеъри муосири тоҷик кӯшишҳои таҳқиқ ва накду баррасии он низ аз сӯи муҳаққиқону мунаққидон ба мушоҳида мерасанд, ки ҳосили он рӯи кор омадани силсилаи таҳқиқот, таълифоту рисолаҳои илмӣ ва мақолоти марбут ба накди шеъри имрӯз ба шумор меравconfigurand.

Диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)» аз ҷумлаи чунин таҳқиқоти арзишманде ба шумор меравад, ки махз ба таҳқиқу баррасии яке аз тамоюлҳои тозаи ҳунарии шеъри имрӯзи тоҷик - тасвирҳои парадоксӣ ва ҷойгоҳи он дар ташаккули ҷанбаҳои ҳунарии шеъри имрӯз бахшида шудааст.

Аз автореферати диссертатсия маълуму равшан аст, ки бо сабаби камтар таҳқиқ шудани мавзуи мазкур дар адабиётшиносии тоҷик диссертант руҷӯъ ба сайри таърихии он дар адабиёти гузаштаи тоҷик ва ҷаҳонро зарур шуморида, мафоҳим ва истилоҳоти ҳамноми онро дар таълифоти назарии гузаштагон ҷустуҷӯ намудааст. Аз ҷумла, ба

мавҷудияти истилоҳи танокуз ва ё мутаноқиза дар китобҳои “ал-Муъҷам”-и Шамс Қайси Розӣ ва “Бадоеъ-ус-саноеъ”-и Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ ишорат мекунад. Сипас пешинаи зуҳури тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри форсу тоҷикро баррасӣ карда, бо такя бар назари муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ, чун Шафеии Кадканӣ, Маҳмуди Футуҳӣ, Матлубаи Мирзоюнус, Нуралӣ Нурзод, Равшани Ҳамроҳ ва дигарон муқаррар намудааст, ки намунаҳое аз тасвирҳои парадоксиро ба таври рӯшан дар шеъри устод Рӯдакӣ метавон ба мушоҳида гирифт.

Ба назар мерасад, ки дар таҳқиқи масъалаҳои меҳварӣ диссертант як навъ принсипи таърихиятро риоя намудааст, зеро баъд аз баррасии ҷойгоҳи парадокс дар шеъри классикии форсу тоҷик руҷӯе ба шеъри давраи Шӯравӣ низ намуда, кӯшидааст, ки зуҳури намунаҳои онро дар шеъри шоирони ин давра низ нишон диҳад. Таҳқиқи анҷомдодаи ӯ дар роҷеъ ба ҷойгоҳи тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ омил ба он гардидааст, ки нақши чунин тасвирҳоро дар такмили ҷанбаҳои ҳунарии шеъри ин давра муқаррар намояд.

Пажӯҳишҳои анҷомдодаи диссертант дар бораи заминаҳо ва омилҳои муассир дар эҷоди тасвирҳои парадоксӣ дар шеър низ қобили тааммул ва мулоҳиза мебошанд. Ӯ чанд санъати бадеъиро ҳамчун аркони тасвирҳои парадоксӣ муқаррар намудааст, ки аз ҷумлаи онҳо ташхису ташбеҳ мебошанд ва мулоҳизоти хешро бо зикри намунаҳо аз ашъори шоирони муосири тоҷик собит мекунад.

Дар баробари ин, Ризобоева Наргис саъй кардааст, ки ҳиссомезиро низ ҳамчун омили муассир дар эҷоди тасвирҳои парадоксӣ муқаррар намудаву барои исботи назари хеш аз шоирони муосир, чун Фарзона, Доро Наҷот, Озарахш ва дигарон намунаҳо овардааст.

Дар баробари дастовардҳои назарраси тадқиқоти илмӣ аз автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки дар он баъзе камбуду нуқсонҳо низ ҷой доранд, ки ба эътибор гирифтани онҳо барои боз ҳам афзудани арзиши илмии таҳқиқот муассир хоҳад буд.

1. Дар боби дувуми диссертатсия фасли алоҳидае ба таҳқиқи тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори бонувони шоири тоҷик ихтисос дода шудааст. Аммо ба мушоҳида мерасад, ки муаллиф танҳо ба баррасии ашъори се нафар- Гулрухсор, Фарзона ва Гулноз иктифо намудааст. Ба назари мо, хуб мебуд, агар нигорандаи рисола доираи баррасиҳои хешро густардатар гирифта, ашъори бонувони дигари суханварро, ки дар марҳалаи мавриди таҳқиқ шумори онҳо зиёд аст, низ мавриди пажуҳиши хеш қарор медод.

2. Дар автоферати диссертатсия мавҷудияи ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ба чашм мерасанд, ки рафъи онҳо ба манфиати кори муаллиф мебошад.

Камбуду эродҳои зикршуда ҳаргиз арзиш ва аҳаммияти илмии диссертатсияро кам намекунанд ва умедворем, ки дар оянда бо идомаи таҳқиқи масъала муаллиф корҳои судманди дигареро дар ин самт ба анҷом хоҳад расонид.

Дар умум метавон аз мутолеаи фишурдаи диссертатсия ба хулосае расид, ки Ризобоева Наргис бо анҷоми таҳқиқоти мазкур масъалаеро баррасӣ кардааст, ки на танҳо дар адабиёти муосир, балки дар заминаи адабиёти классикии тоҷик низ камтар таҳқиқ шудааст.

Аз ин рӯ, бо итминон изҳор медорем, ки диссертатсияи номзадии Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)» таҳқиқоти комили ҷавобгу ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллиф шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи

ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

**доктори илми филология,**
**сарходими илмии шуъбаи таърихи**
**адабиёти Институти забон ва адабиёти**
**ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ** **Юсуфов У. А.**
**«8» ноябри соли 2022.**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Ҳувайдуллоев 274, х. 47.**
**Тел: (+992) 91-904-55-75**
**E-mail: nushin74@mail.ru**

**Имзои Юсуфов У. А. -ро тасдиқ мекунам:**

**Мудири шуъбаи кадрҳои Институти забон ва**
**Адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи**
**Рӯдакии АМИТ** **Нарзиқулова Ҳ.**
**«8» ноябри соли 2022.**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21,**
**тел: (+992) 221-70-30**
**E-mail: www.iza.tj**